# ҚАРОРИ

## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18

15 июни соли 2023 ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонализода Нурулло Шамсулло дар мавзуи «Масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ: ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (мушовири илмӣ: Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи гражданӣи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ), тақризи муассисаи пешбар «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» (ш. Душанбе); тақриз ва баромадҳои муқарризони расмӣ Исмоилов Шавкат Маҳмудович - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикорупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон; Носиров Хуршед Толибович - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи гражданӣи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон; Раупова Манзура Турсуновна – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқ ва ҳукукшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, баромади мутахассисон аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ – Маҳмудзода М.А., Тағойназаров Ш.Т., Муртазозода Ҷ.С ва Имомова Н.М., ва муқарризи ғайри расмӣ профессор Холиқзода А.Ғ.-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 дар асоси натиҷаи овоздиҳи пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳаммиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Қурбонализода Нурулло Шамсулло, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст.

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Қурбонализода Нурулло Шамсулло дар мавзуи «Масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ: ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждане; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, ба талаботҳои пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бандҳои 31 ва 33 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгу мебошад.

2. Интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамояд.

3. Ба Қурбонализода Нурулло Шамсулло дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Қурбонализода Нурулло Шамсуллоро бо дипломи доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Назаров А.Қ.**